*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# *ТАҚРИЗ*

**ба автореферати диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мазуи "Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити кунунии рушди иқтисоди миллӣ яке аз соҳаҳои муҳиме, ки он метавонад амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд, ин соҳаи саноат баҳисоб меравад. Бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани рақобат дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, зарурати тақвияти иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ беш аз пеш аҳамияти хоса касб менамояд. Дар ин замина, таъмини дастрасии корхонаҳои саноати сабук ба воситаҳои молиявию қарзӣ ҳамчун омили калидии рушди устувори соҳа баромад мекунад. Маҳз воситаҳои қарзӣ метавонанд барои навсозии технологӣ, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, ворид намудани навовариҳо ва беҳтар намудани сифати маҳсулот мусоидат намоянд. Аммо, дар шароити кунунӣ механизми амалкунандаи қарздиҳӣ на ҳамеша ба талаботи соҳа ҷавобгӯ буда, зарурати такмил ва мутобиқсозии он ба воқеияти иқтисодӣ эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзуи диссертатсия дар он ифода меёбад, ки омӯзиш ва таҳлили воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои қарздиҳӣ метавонад барои таъмини рушди устувори соҳа ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Муаллиф дар автореферати диссертатсияи худ бамаврид қайд мекунад, ки барои арзёбии ҳамаҷонибаи таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук, таҳлили нишондиҳандаҳое, ки рушди саноат ва мавқеи онро дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ миллӣ тавсиф мекунанд, зарур аст (саҳ. 31). Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда бо навгониҳои назарраси илмӣ фарқ намуда, муаллифи рисола таҳқиқоти амиқу мукаммалеро ба роҳ мондааст. Мазмуни асосии он ба асосноккунии назариявӣ ва таҳияи асосҳои методии такмили механизмҳои истифодаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун омили калидии рушди саноати сабук равона гардидааст. Дар доираи таҳқиқот,

масъалаҳои такмили механизмҳои ҳавасмандгардонии қарздиҳӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва тавсеаи муносибатҳои қарзӣ миёни бахши бонкӣ ва корхонаҳои саноати сабук мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати беҳтар намудани дастрасии корхонаҳои соҳа ба манбаъҳои қарзӣ ва мутобиқсозии низоми қарздиҳӣ ба талаботи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд.

Навгониҳои илмии рисола дар он ифода мееёбанд, ки муаллиф роҳу усулҳои нави такмили механизмҳои қарздиҳӣ ва истифодаи самараноки воситаҳои қарзиро ҳамчун сарчашмаи асосии рушди устувори саноати сабук асоснок намуда, заминаҳои назариявӣ ва амалии рушди муносибатҳои қарзиро дар шароити иқтисоди муосир такмил додааст. Дар автореферат аз ҷониби муаллиф қайд гардидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти заминаҳои нави сохторҳои қарздиҳӣ ба соҳаи саноат, ҳамчунин, бештар ҷалб намудани ташкилотҳои молиявию қарзии мавҷуда дар пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан саноати сабук, зарурати омода кардани заминаҳои ҳуқуқӣ барои ташаккули сохторӣ, маблағгузорию қарздиҳӣ, махсусан дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ва такмили фаъолият дар ин самт боис мешавад, ки нақши соҳаҳои номбаршуда дар рушди иқтисодиёт, аз ҷумла афзоиши ММД ҳамасола назаррас бошад (саҳ. 33).

Дар автореферати диссертатсия муфассал таҳлили иқтидори қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаи саноатӣ сабук, дороиҳои бонкӣ, ҳолати сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва пардохтпазирии корхонаҳои саноати сабук ошкор гардида, роҳҳои вусъат додани онҳо низ пешниҳод шудаанд, ки ин сифати таҳқиқотро беҳтар намудааст (саҳ. 35). Инчунин, бурди дигари таҳқиқот дар он аст, ки муҳаққиқ таърифи мафҳуми воситаҳои қарзиро дар асоси омӯзиши адабиёти истифодашуда шарҳ додааст. Муаллиф ба он назар аст, ки дар адабиёти иқтисодӣ таърифи ягона ва умумии мафҳуми «воситаҳои қарзӣ» вуҷуд надорад, ки ин аз сабаби хусусияти бисёрҷонибаи ин мафҳум ва фарқият дар равишҳои методологӣ барои тафсири он вобаста аст. Муаллиф таърифҳои дар адабиёт овардашудаи мафҳуми «воситаҳои қарзӣ»-ро ҷамъбаст намуда, чунин таърифи таҳиянамудаи худро пешниҳод мекунад: воситаҳои қарзӣ маҷмуи захираҳои пулӣ ва муодили онҳоро ифода мекунанд, ки дар доираи муносибатҳои қарзӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ тавлид ва аз нав тақсим карда шуда, барои истифодаи муваққатӣ бо шартҳои баргардонидан, муҳлатнок, пардохт ва истифодаи мақсаднок пешниҳод карда мешаванд (саҳ. 17).

Натиҷаҳои бадастовардашудаи кори диссертатсионӣ дар асоси муқаррароти пешниҳодгардида ва роҳҳои таъминнамоии корхонаҳои соҳа бо

воситаҳои молиявию қарзӣ дар заминаи бахши саноати сабук асоснок шудаанд. Сарфи назар аз он, ки мазмуни автореферат имкон медиҳад, ки ба кори рисола баҳои мусбат дода шавад, он як қатор саволҳоро низ ба миён меорад:

1. Дар автореферати диссертатсия беҳтар мегардид агар муаллиф воситаҳои қарзиро аз нуқтаи назари институтсионалӣ мавриди баррасӣ қарор дода, гурӯҳи воситаҳои истифодашавандаи қарзиро дар соҳаи саноат нишон медод.

2. Мазмунан таҳқиқот бурд мекард агар муаллифи рисола роҳҳои ҳавасмандгардонии давлатро ба хотири бештар намудани қарзҳои имтиёзноки бонкӣ мушаххасан таҳқиқ менамуд.

3. Мушкилотҳои қарзии низоми бонкӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт агар дар автореферат оварда мешуд таҳқиқот дигаргун мегардид.

Дар маҷмуъ, эродҳои гирифташуда ба мазмуну муҳтавои илмии таҳқиқот таъсир нарасонида, автореферати пешниҳодшуда Миршарифзода Э.Қ. таҳқиқоти мустақилонаи тахассусии илмии дорои навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ буда, ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, бояд ҳаминро қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мазуи “Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои бандҳои 32, 33, 34, 35 ва дигар қоидаҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295)-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

муовини якуми директори
Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Муртазозода О.

*Имзои н.и.и., дотсент Муртазозода О. – ро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳои МТС Исроилова С.С.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 89.
Тел: (992 37) 2-21-41-63. Факс: (+992 37)2-21-11-00, E-mail: oraz-2009@mail.ru

«07» 05 соли 2026